# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавуи “Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Дар раванди ноил шудан ба самаранокӣ ва сифати таълим нақш ва нуфузи омӯзгор аз ҳама асосӣ ва муҳим арзёбӣ шуда, вобаста ба он аз аҳли ҷомеа тақозо мешавад, ки баҳри баланд бардоштани мақом ва нуфузи омӯзгор дар ҷомеа чорабиниҳои мушаххаси амалӣ рӯйи кор оваранд.

Дар ин росто, муаллифи диссертатсия хеле дуруст ва бомаврид таъкид кадааст, ки: “Раванди педагогӣ, муваффақият ва самаранокии он аз нуфузи омӯзгор, ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва ҳамкории байни омӯзгор ва хонандагон вобаста аст. Ба даст овардани чунин ҳамкорӣ аз бисёр ҷиҳат аз зеҳн, дониш, касбият, сифатҳои ахлоқӣ ва муоширати омӯзгор вобаста аст, ки дар маҷмӯъ онро ҳамчун салоҳияти касбии ӯ фаҳмидан мумкин аст. На ҳар як омӯзгор барои ба таълиму тарбияи хонандагон салоҳият дорад, ки ин аксар вақт сабаби пайдоиши ҳолатҳои гуногуни низоъ байни омӯзгору хонандагон мегардад”.

Бояд таъкид кард, ки олимон-педагогҳои барҷаста бо омӯзиши проблемаи нуфузи омӯзгор дар ҳама давру замонҳо машғул будаанд. Аз дидгоҳи онҳо нуфузи омӯзгор - ин эътироф шудани фазилатҳои омӯзгор аз ҷониби хонандагон аст, ки барои хонандагон, волидони онҳо ва дигар омӯгорону аҳли ҷомеа дорои аҳамияти бузрг дошта, неруи таъсири таълимӣ ва тарбиявии он ба он асос ефтааст.

Тавре ки двталаби дараҷаи илмӣ Гулзода Рамазон қайд кардааст, ҷанбаи муҳим ин қобилияти омӯзгор барои эҷоди муносибатҳои боэътимод, ҳамдардӣ ва фаҳмидани ниезҳои хонандагон мебошад. Ин мулоҳизаҳои унвонҷӯ дар воқеъ муҳитеро ба вуҷуд меорад, ки дар он хонандагон худро бароҳат ҳис мекунанд, ки дар навбати худ ба дарки беҳтари мавод ва иштироки фаъол дар раванди таълим мусоидат мекунад.

Андешаву мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”-ро, ки унвонҷӯ Гулзода Р.Б. барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, дар айни замон яке аз масоили муҳим ва мубрами таҳсилоти муосир маҳсуб меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурияти таҳқиқи масоили шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз мубрамӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ доштани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Гулзода Рамазон далолат мекунад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 12.10.2024, №2В).

Дар хулосаи ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқу таҳлил ва баррасӣ карда шудааст.

Дар диссертатсия масоили ташаккули нуфузи омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумӣ ва инъикоси он дар адабиёти педагогӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, моҳият ва вижагиҳои ташаккули нуфузи омӯзгор дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор ва аниқ карда шуданд. Дар ин росто, ҳамчунин, шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуда, мавриди озмоиш қарор дода шуда, усулҳои самаранок ва инноватсионии ташаккули нуфузи омӯзгор мушаххас карда шуданд, ки истифодаи онҳо дар воқеъ ба ташаккули нуфузу нуфузи омӯзгор мусоидат мекунанд.

Тавсияҳои илмӣ-методии аз ҷониби довталаб таҳия ва манзуршуда ба маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳалли масъалаҳои ташаккули нуфузу худрушдиҳии омӯзгорон дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ кӯмак расонида метавонанд. Амалисозии хулосаву тавсияҳои пешниҳодшуда дар мавриди ба таври самаранок ташаккул додани нуфузи омӯзгорон ва худрушддиҳии онҳо мусоидат менамояд.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3.2. - Дастгоҳи консептуалии педагогика, омӯзиши асосҳои методологии таълим ва тарбияи шахс; банди 3.3. - Мавқеъ ва нақши педагогика дар ҳаёти маънавии ҷомеа, инсон ва донишҳои илмӣ; банди 4.1.1. - Муайян намудани шароити оптималии ташаккули шахсият дар раванди таълим; банди 7.1. - Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навгониҳои педагогӣ ва банди 7.1.1. - Тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбӣ ва педагогии омӯзгор мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ амалан солҳои 2020-2024 дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои татқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогика ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати

профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар муҳокима ва мавриди тасвиб қарор дода шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 8 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмад тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавуи “Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Данғара;**

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва **Абдуназарзода Шоиста Абдуназар** – номзади илмҳои пеадагогӣ, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъйин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмадро дар мавуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:
   - **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров";
   - **Абдуназарзода Шоиста Абдуназар** – номзади илмҳои пеадагогӣ, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон.
3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Данғара тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — Г. Ҳоҷиматова

**Аъзои комиссиям экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — И. Давлатшоев

Доктори илмҳои педагогӣ — С. Шербоев

10.03.2025

*"Имзои Г. Ҳоҷиматова, И. Давлатшоев ва С. Шербоевро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва корғузории АТТ* — *М. Саидова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ